**«Тасдиқ мекунам»:**
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рудакии АМИТ, доктори илми филология, профессор
Шарифзода Ф.Х.
26 ноябри соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2025. – 166 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Иқдоми навҷӯӣ ва падидаҳои тозаи шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз оғози солҳои шастум маҷрои тозаеро ба худ гирифта, як зумра адибон бо тарзу услуби тозанигорӣ ба адабиёти ин давра ворид гардиданд. Яке аз сермаҳсултарин адибони адабиёти ин давра, ки дар тамоми жанрҳои адабӣ табъозмоӣ карда, дар рушду нумуи каломи бадеӣ нақши босазо гузошта, ҳунари суханофаринаш аз ҷониби аҳли завқ, хосса аҳли адабу таҳқиқ эътироф шуда, дар ин замина бо гирифтани унвону ҷоизаҳои баланди соҳаи адабиёт ва ҳунар шарафёб гаштааст, устод Муҳаммад Ғоиб мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳаммад Ғоиб шоире мебошад, ки бо эҷодкорию навоварӣ ва хушбаёниву тозапардозӣ дар адабиёти тоҷик қаламронҳои назаррас карда, дар ашъори ӯ тасвир ва тавсифи Ватан, арзишҳои миллию таърихии фарҳанги ниёгон, шинохти муқаддасоти он, инчунин тараннуми ғояҳои олии инсонӣ мавқеи муҳимро доро мебошанд. Адиб дар эҷоди анвои суннатӣ маҳорати баланд зоҳир намуда, аз нигоҳи мавзую мундариҷа ва сабки баёну ифода хонандагони бештареро ба худ ҷалб намудааст.

Ҳамин нуктаи назари асосӣ ва дар шакли рисолаи илмӣ-пажуҳишӣ ба таҳқиқ фаро гирифтани он бо мақсади мавқеъ ва нақши шоирро дар назми муосири тоҷик муайян намудан ва дар ҳалли масъалаҳои анъанаву навоварӣ дар жанру вазни шеър ва дигар паҳлуҳои назарии адабиёти тоҷик аз мавзуъ ва **масоили мубрами илми** адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад.

**Дарачаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна овардашуда бо такя ба таҳлили амиқи сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмии боэътимод асоснок шудаанд. Бобу фаслҳои диссертатсия бо пайдарҳамии мантиқӣ тарҳрезӣ шуда, гузоришҳо дар иртиботи мустақим бо ҳадафҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд. Пешниҳодҳои амалӣ, ки дар диссертатсия ҷой доранд, ба истифодаи натиҷаҳо дар фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ нигаронида шудаанд. Ҳар хулоса бо таҳлил ва баррасии мисолҳои воқеӣ аз фаъолияти эҷодии шоир тасдиқ ёфтааст. Далелҳои овардашуда на танҳо моҳияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Рисолаи илмии Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» як падидаи илмии наву пурмуҳтаво маҳсуб ёфта, дар адабиётшиносии тоҷик аввалин пажуҳиши серҷабҳа ва мукаммал дар мавриди зиндагинома ва осори адабии Муҳаммад Ғоиб маҳсуб меёбад. Арзёбии рӯзгору эҷодиёти шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар таҷассум намудани зиндагии иҷтимоӣ ва ҳаёти фарҳангии кишвари азизамон мақоми шоиста касб намуда, ба ин васила, дар густариши шеъри нимаи дуюми садаи бист ва, махсусан, адабиёти замони Истиқлол ҳиссаи беназир дорад. Муҳаққиқ барҳақ таъкид намудааст, дар осори адиб ҳам шаклҳои суннатии шеърӣ ва ҳам шаклҳои шеъри нав мавқеи созгор дошта, дар тамоми ин шаклҳои шеърӣ тозакориву навовариҳо ворид намудааст. Хусусан, шеърҳои озоди ӯ бо хусусиятҳои ҷолиб ва фалсафаи баланди шеърию хулосаҳои амиқ басо назаррас мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** бар он асос меёбад, ки ин таълифот яке аз тозатарин пажуҳиш ва арзёбии мукаммали илмӣ дар омӯзиши шеъри муосири тоҷик, корбурди зиёди арузи нав дар каломи ҳунарӣ ва хосатан, эҷодиёти серпаҳлуву доманадори шоир мувофиқат менамояд. Натиҷаҳои пажуҳиш ва маводу хулосаҳои диссертатсия дар навишти монография, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ кӯмаки амалии бевосита мерасонанд. Инчунин, диссертатсия ба устодону донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавони риштаҳои филологию рӯзноманигорӣ дар омода намудани маводи таълимии фанҳои назарияи адабиёт, муқаддимаи адабиётшиносӣ, таърихи адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои махсус, таълифи рисолаҳои илмӣ ёрии амалӣ мерасонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки ба мушаххас намудани мухтассоти назми муосири тоҷик ва замони истиқлол, муайян кардани имкониятҳои арузи нав дар назм, ки фарогири ҷанбаҳои гуногуни

ашъори Муҳаммад Ғоиб мебошанд, таъйид месозад. Ғайр аз ин, маводи диссертатсия дар тадриси курсҳои таърихи адабиёти тоҷик, баргузории дарсҳои амалию семинарҳои махсус маводи зарурӣ буда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Хулосаҳои пажуҳиши диссертатсионии Раҷабалиева Шаҳло боварибахш буда, қабл аз ҳама, дар асоси ковишҳо, арзёбиву муҳокимаронихо, муҳимтар аз ин, бар мабнои далелу аснод бунёд ёфтаанд ва аз натиҷагириҳои самарабахши илмии диссертант башорат медиҳанд. Пайванди қавии кори таҳқиқӣ бо барномаҳои илмӣ бозгӯйи он аст, ки дар ҳар фаслу зерфасл ва бобу дигар бахшҳои диссертатсия баҳсҳои пурсуди илмӣ ва бозёфтҳои чашмраси илмӣ ба назар мерасанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Унвонҷӯ барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 7 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои бобу фаслҳоро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб ва навҷӯиву навовариҳои ӯ дар жанрҳои суннатии шеър, тарзи ироаи матлаб, хусусиятҳои ғоявию жанрии осори шоир аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар рисола ҳар як андеша ва хулосаи пешниҳодшуда натиҷаи коркарди шахсии муҳаққиқ мебошад. Ҷамъоварӣ ва муқоисаи маълумот аз сарчашмаҳои гуногун, инчунин истифодаи таҷрибаи илмии пешина бо таҳлили муосир, кори илмиро ғанӣ гардонидааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ низ маҳсули таҳқиқоти мустақили диссертант ба шумор меравад. Иштироки фаъоли ӯ дар конфронсҳои илмӣ ва нашри мақолаҳо саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро боз ҳам мушаххас нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Муҳтавои асосии диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 8 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 5 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидаанд, нишонгари он аст, ки таҳқиқ ба таври шоиста анҷом шуда, бахши асосии он ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили навпардозӣ дар шеър маводи қобили мулоҳиза мебошад. Ба таври умум, омӯзиши вазни ашъор, шаклҳои тозаи шеърӣ, дидгоҳҳои завқӣ-назарии Муҳаммад Ғоиб дар шинохту маърифати

масири эҷодӣ, рушду камоли ҳунарӣ, шахсияти адабӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти даврони Истиқлол пураҳаммият аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 166 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст.

**Муқаддимаи диссертатсияро** муҳиммияти мавзуъ ва зарурати таҳқиқи он, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ҳадаф, объект, масъалаҳо ва навгониҳои таҳқиқ зикр шуда, саҳми шахсии муаллиф, сарчашмаҳо ва манобеи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаи таҳқиқ ва дигар талаботу муқарраротӣ расмӣ дар бар гирифтааст.

**Боби аввали** диссертатсия – **«Муҳаммад Ғоиб ва ҷойгоҳи шеъри ӯ дар адабиёти муосири тоҷик»** аз 3 фасл иборат буда, дар он рӯзгор ва осори адабии Муҳаммад Ғоиб, доираи мавзуоти ашъори Муҳаммад Ғоиб, тавсифи чеҳраҳои мондагор ва номҳои таърихӣ дар шеъри ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар **фасли аввали боби якум «Марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб»** унвонҷӯ ба масоили ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб пардохта, нақш ва ҷойгоҳи шоирро дар адабиёти муосири тоҷик муайян намудааст. **Фасл дуюми боби аввал – «Вижагиҳои муҳтавои ашъори шоир»** унвон дошта, осори адабии Муҳаммад Ғоибро фаро мегирад. Диссертант қайд намудааст, ки намунаҳои беҳтарини ашъори шоир дар китобҳояш, ба монанди: «Турнаҳо» (1980), «Роҳи деҳа» (1981), «Тути Дара» (1984), «Меҳргиёҳ» (1986) 16 , дар маҷмуаҳои дигар, аз ҷумла: «Хирмани моҳ» (1989), «Сад ғазал» (1989), «Хирмани гул» (1990), «Гостинец» (бо забони русӣ,1990), «Лолаи чашм» (1993 дар Теҳрон ва Душанбе чоп шудааст), «Ашки қалам» (1996), «Дидор» (1997), қиссаи «Фарёди ёдҳо» (1998), «Хоки Ватан», (1999), «Парчами нанг» (1999), «Суруди ишқ»(2001), «Гавҳари меҳр»(2001), «Гумгаштапайдо»(2002), «Боми сипеҳр»(2002), «Каъбаи дил»(2003), «Сукути ашк»(2004), «Поси ошноӣ»(2008), «Фархундапай» (2008), «Девон»(2009), «Ифтихор» (2011),

«Мавҷи нур» (2010), «Чашмаи меҳр»(2011)», «Сояи нур»(2014), «Руҷуи нотамом»(2015), «Дарди ҳастӣ»(2015), «Тоҷикистон Ватани Наврӯз»(2015) гирд оварда шудаанд.

**Фасли сеюми боби аввал – «Бозтоби бадеии симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб»** номгузорӣ шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ ба он андеша аст, ки тавсифи чеҳраҳои мондагор ва симоҳои таърихӣ дар ашъори Муҳаммад Ғоиб мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Дар ашъори шоир ҷойгоҳи шахсиятҳои таърихӣ мавқеи хосса дорад. «... номи ҳеҷ як шахсият ва мавзеъу маконҳои таърихии миллати тоҷик дар шеъри Муҳаммад Ғоиб сарфи назар нашудааст. Шоир бо зинда гардонидани номи гузаштагон номи худро дар саҳифаҳои таърих сабт намуд» [диссертатсия, с. 60].

**Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб»** аз шаш фасл иборат аст. Боби мазкур таҳлили ашъори суннатӣ ва дигар анвои шеърӣ, ҷойгоҳи ғазалу рубоӣ, дубайтиҳо, чаҳорпора, шеъри озод ва мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти адибро дар бар мегирад.

**Фасли аввали боби дуюм – «Ҷойгоҳи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир»** ба таҳқиқи бахши муҳимми осори Муҳаммад Ғоиб бахшида шудааст. Муҳаммад Ғоиб дар эҷодиёти хеш бештар ба шеъри суннатӣ рӯ овардааст. Шоир бештар дар сурудани байтҳои ҷудогонаи мансуб ба фардиёт, рубоӣ, ғазал, дубайтӣ, мухаммас, қасида, мусаммат, манзума, достон, тарҷеъбанд муваффақ гардидааст.

**Фасли дуюми боби дуюм – «Рубоӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб»** номгузорӣ шудааст. **Фасли сеюми боби дуюм** бошад, таҳлили дубайтиҳои шоирро дар бар мегирад. Мавриди тазаккур аст, ки Муҳаммад Ғоиб дар баробари гуфтани ашъори суннатӣ, аз қабили рубоиву ғазалу дубайтӣ ва ё маснавӣ, пораҳои кӯтоҳ, ки дар сартосари осораш ба чашм мехӯранд, бештар дар сурудани навъи чаҳорпора муваффақу комёб аст ва ҳам гуфтан ҷоиз аст, ки чаҳорпораҳои ин шоир чун дигар анвои ашъораш ба таҳқиқи бештар аз ҷониби аҳли назар ниёз доранд. Ин матлаб дар **фасли чоруми боби дуюм** мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. **Фасли панҷуми боби дуюм**

– **«Шеъри озод»** номгузорӣ шудааст, ки дар ин фасл унвонҷӯ ба таҳқиқи шеърҳои озоди Муҳаммад Ғоиб пардохтааст.

**Дар фасли шашуми боби дуюм – «Мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти шоир»** довталаби дараҷаи илмӣ аз нахустин қадамҳои Муҳаммад Ғоиб дар таълифи ашъори рангин барои кӯдакону наврасон ёдовар шудааст.

**Боби сеюми рисола – «Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори Муҳаммад Ғоиб»** аз ду фасл иборат буда, ба пажуҳиши махсусиятҳои осори шоир, жанр ва сохтори ашъори ӯ, мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир ва баррасии ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб бахшида шудааст.

Дар миёни аҳли адаби тоҷик, бавижа адибони муосир, метавон бештар ба ашъори ғиноӣ ва шеъри суннативу навгароёнаи Муҳаммад Ғоиб аз назари таҳқиқӣ ва таҳлилӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд ва ин бар он далел аст, ки шоир дар корбурди санъатҳои бадеӣ ҳунари шоиставу воло дорад. Ашъори Муҳаммад Ғоиб аз ҷиҳати интихоби мавзуъ, тарзи баён ва забон содаву равон ва пурмуҳтаво буда, фарогири ҷанбаҳои ахлоқӣ, афкори худшиносӣ, миллатдӯстӣ ва ватанпарварона, инчунин дар васфи дастовардҳои замони истиқлолият, ишқу муҳаббат, озодӣ, ваҳдати миллӣ, эҳтироми модар, худогоҳӣ ва амсоли чунин паҳлуҳои тасвиркунанда ва таҷассумгари адабиёт мебошанд.

**Дар фасли аввали боби сеюм** диссертант нақши шоирро дар корбурди орояҳои адабӣ, бахусус истифодаи санъатҳои бадеиро дар ашъораш назаррас меҳисобад. Қобили қайд аст, ки Муҳаммад Ғоиб шоири сермаҳсулест, ки дар пешниҳоди матлаб ва фаро гирифтани оҳанги замони худ муваффақ гардидааст. «Муҳаммад Ғоиб бо истифода аз санъатҳои бадеӣ барои ҷаззобу хотирмон намудани шеърҳои худ кушиши зиёд ба харҷ додааст, аз онҳо ҳамчун воситаи ифодаи дорои маънии амиқ ва шакл додани маъно, ҷиҳати дар айни замон мухайялу зебо рӯйи кор овардани тафаккури эҷодии шоирона муваффақу комёб гирдидааст» [диссертатсия, с. 120].

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки дар баён намудани сухан ҷасорати зиёд дорад ва саросари ашъораш аз ғояҳои тарбиявӣ, маърифатӣ, панду андарз, ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ иборат аст. Як хусусияти ҷолиби ашъори шоир дар он аст, ки мазмун ва тасвир дар шеъраш сохтаву бофта нест. Шоир ҳар воқеае, ки бо чашми худ дида ва мушоҳида намудааст, ба риштаи назм кашида пешкаши хонандагон мекунад. Қобили қайд аст, ки Муҳаммад Ғоиб дар роҳи пуршебу фарози шоири нафари тасодуфӣ нест. Яъне шоир дидаву шунидаҳояшро мавриди таҳлилу муқоиса ва андеша қарор дода, кушиш мекунад, барои хонанда як шеъри зебову хонданӣ пешниҳод намояд, ки ин матлаб дар **фасли дуюми боби сеюм** матраҳ гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 12 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати муаллиф аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 5 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили

тавақҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот дорад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ва автореферати Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба хотири пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанде аз онҳоро зарур медонем:

1. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ чанде аз пажуҳишҳои арзишманд, аз қабили рисолаи Аскар Ҳаким "Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми садаи 20)", ки ба таҳқиқи масъалаҳои куллии шеъри ғиноӣ дар адабиёти муосир бахшида шудааст ва мақолаи муҳаққиқ Абдунабӣ Сатторзода "Бозтоби замони истиқлол дар адабиёти муосири тоҷик", ки дар он бевосита ба ашъори Муҳаммад Ғоиб тавақҷуҳ шудааст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

2. Гоҳе ҳадафи ҷумлаҳо норавшан аст ва ғалатҳои услубӣ дида мешаванд. Чунончӣ дар фасли шашуми боби якуми диссертатсия омадааст: «Дар саросари ин ашъор ба чашм мехӯранд, шоир аз номҳои шинохташуда ва дар миёни мардум эътирофгардидае бештар ёд кардааст, ки дар асл арзандаи тавсиф мебошанд» (диссертатсия, с. 60).

3. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашуда таҷдиди назар мехоҳад. Зеро, дар рӯйхати адабиёти овардашуда тартиби хронологии адабиёт дар мисоли таълифоти Х. Асозода, Т. Зеҳнӣ, Л. Шералӣ, М. Ғоиб, М. Имомов, С. Қосимов, У. Сафар, Х. Шарифов, С. Табаров ва Қ. Низом риоя нагардидааст. Инчунин, дар баъзе аз адабиётҳо соли нашр ва дар баъзеи дигар саҳифаи китоб гузошта нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои афтидан ва изофа шудани ҳарфҳо, ғалатҳои имлоӣ ва гуногуннависӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд (диссертатсия, с. 6, 7, 9, 27, 33, 54, 60, 117, 118, 131, 140, 147, 148, 151,).

Қайду эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти онро дар илми адабиётшиносӣ коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ,

диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ба баррасии мавзуи муҳимми адабиётшиносии тоҷик ихтисос ёфта, ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажуҳиш ҷойгирифта дар сатҳи баланди илмӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, мақолаҳое ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва берун аз он ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илми филология, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Каримова Ҳилола омода гардида, дар ҷаласаи шуъбаи мазкур санаи 24-уми ноябри соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 9 нафар устодон иштирок намуда, 9 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”- 9 нафар, “бетараф”- нест, “муқобил”– нест.

Протоколи № 08 аз 26.11. 2025

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ — Беҳрӯзи Забеҳулло

**Эксперт:**
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D020500 – Филология,
ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ — Каримова Ҳ.Қ.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ Шарифзода Л.А.

Имзоҳои Беҳрӯзи Забеҳулло, Каримова Ҳилола ва Шарифзода Лутфуллоро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатов Ф. Қ.

Суроғаи муассисаи пешбар: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com

«26» ноябри соли 2025.